# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ**

Набудани доруҳои самарабахш барои табобати этиологӣ ва патогенетикии гепатити музмин ва сиррози ҷигари этиологияи вирусӣ яке аз ҳадафҳои асоссии ҳамаи давлатҳои ҷаҳон дар рӯи Замин аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо назардошти камбудӣ доруҳои гепатопротектории рустанигӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва омӯзиши маводи нави гепатопротекторӣ “Гепатрил”, дар асоси рустаниҳои шифоии таркибашон аз моддаҳои фаъоли биологӣ бойи решаи ширинбия *«Glycyrrhíza glabra L.»,* астрагали фахдошта *«Astragalus lasiosemius Boiss»,* пӯстлохи дарахти тӯс *«Betula servchanica V.»* ва лагенарияи маъмулӣ *«Lagenaria siceraria».* ки таъсироти гепатопротекторӣ ва мембраноҳифозатиро доро мебошанд ва дар табобат ва пешгирии бемориҳои ҷигар ва гепатобиллиари муҳиманд яке аз проблемаҳои мубрам баҳисоб меравад. Унвонҷуй инро зарур шуморида зарурияти ҷустуҷӯи доруҳои нави асосашон табииро, ки хосияти гепатопротектори ва зивирусӣ доранд таҳқиқ намудааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси ашёи хоми гиёҳӣ доруҳои аслии табобатӣ коркард ва таҳия карда мешаванд, ки онҳоро метавон дар муолиҷаи бисёр бемориҳои музмини ҷигар васеъ истифода баранд. Дар айни замон, таҳқиқотҳо оид ба таҳияи воситаҳои табобатӣ аз маводи растанигӣ, ки дар зинаҳои алоҳидаи патогенези гепатити музмин ва сиррози ҷигар таъсири самарабахши муолиҷавӣ доранд, идома дорад. Таваҷҷӯҳи махсус ба он доруҳое зоҳир мегардад, ки хосиятҳои

муътадилкунандагии мембранаҳо, иммуномодуляторӣ, антиоксидантӣ ва антивирусӣ доранд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқотҳое, ки дар автореферати рисола диссертатсионии Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович, пешниҳод шудааст барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ пешниҳод ба талаботи “Низомномаи намунавӣ дар бораи Шуроҳои диссертатсионӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯи замон мебошад ва унвонҷӯ барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ сазовор дониста мешавад.

**Тақризнавис:**
Ходими калони Муассисаи илмию таҳқиқотии
“Маркази инноватсионии Хитою
Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ” – и
АМИТ, н.и.фарм., **Гулмуродов И.С.**

Маълумот барои тамос: Муассисаи илмию таҳқиқотии “Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ” – и АМИТ, 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи.Айни 299/2. Тел. (992) мобилӣ: (992)934173262;